**Озмуни худинтихобкунии нозирони чомеаи шахрванди**
**барои Кумитахои Бунеди маблаггузории иклим**

**<u>ЭЪЛОН БАРОИ КАБУЛИ ХУЧЧАТХО</u>**

## Маълумот ва дастур барои довталабони курсии нозир

**Мухлати охирини кабули хуччат:** рузи чоршанбе, 15-июли соли 2009, нисфи шаби вакти ШМА

**<u>Кумитахои БМИ ва курсихои нозирони чомеаи шахрванди</u>**

Кумитахои Бунеди трастии Бунеди маблаггузории иклим (БМИ) мохи июли соли 2008 бахри мусоидат ба маблаггузории технологияи тоза ва маблаггузории лоихахои пилоти оид ба эътино ба мушкилоти тагьиребии иклим таъсис дода шудаанд (барои маълумоти бештар ба www.worldbank.org/cif ташриф оред). Мохи январи соли 2009 Кумитахо Дастури иштироки нозиронро дар чаласахои БМИ тасдик намуданд.

Мохи апрели соли 2009, RESOLVE, ташкилоти мустакили бидуни фоида, ки бо чалб намуани шахсони алокаманд, бунеди хамдигарфахмии шахсони гуногуни алокаманд, ва рохандози намудан машгул аст, барои ташкил намудани озмуни худинтихобкунии чомеаи шахрванди барои курсихои нозири дар ду Кумитаи Бунеди маблаггузории иклим (БМИ) – Бунеди технологияи тоза (БТТ) ва Бунеди стратегии иклим (БСИ) – ва як зеркумитаи БТТ, Барномаи пилоти оид ба устувории иклим (БПУИ) таклиф карда шуд. Дар БТТ, БСИ ва БПУИ чор (4) курсии нозири чомеаи шахрванди вучуд дорад.

**Гуруххои мардуми махалли**

Агар дар БСИ ва БПУИ курсихои алохида барои намояндагони гуруххои мардуми махалли (ММ) вучуд дошта бошад, БТТ он намояндагони ММ-ро аз байни шахсоне дар бар мегирад, ки барои чор (4) курсии нозирони чомеаи шахрванди мувофик меоянд. Дар натичаи машваратхо бо шахсони алокаманди чомеаи шахрванди ва Кумитаи машваратии RESOLVE карор шуд, ки яке (1) аз курсихои нозирони чомеаи шахрвандии БТТ ба намояндаи ММ дода шавад. Аз хамин сабаб RESOLVE намондагони гуруххои ММ-ро ба иштирок кардан дар озмун барои як курси дар БТТ даъват мекунад.

**Курсихои нозирони дигар**

Шурои умумичахонии фаъолият оид ба рушди устувор барои ду (2) курсии нозирони сохтори хусуси дар хар як кумита алохида озмун гузаронида истодааст. Шуъбаи маъмурии БМИ бо гурухи мардуми махали ва тавассути Форуми доимии СММ оид ба масъалахои махалли бахри тахия намудан ва гузаронидани озмуни худинтихобкуни барои ду (2) курси дар БСИ ва БПУИ хамкори намуда истодаанд.

**<u>Накш ва вазифахои нозирони чомеаи шахрванди</u>**

Пеш аз пур кардани хуччат (анкета) лутфан бо "Дастур барои даъвати намояндагони чомеаи шахрванди барои назорат", ки дар сахифаи интернетии БМИ (www.worldbank.org/cif) дастрас аст, шинос шавед. Нозирони чомеаи шахрванди барои дар чаласахои БМИ хамчун нозирони «фаъол» иштирок кардан даъват карда мешаванд ва ин маънои онро дорад, ки онхо метавонанд:

- дар давоми мусохибахои Кумита барои сухан кардан хохиш кунад;
- хохиш кунад, ки раисикунандагон ба барномаи пешакии чаласа масъалахо хамрох кунад; ва

- барои оид ба масъалахои махсуси дар барнома буда сухан кардан коршиносони берунаро тавсия дихад.

Шахсони алокаманди чомеаи шахрванди чанд вазифахои мухимро барои нозирон муайян карданд, ки аз чумла зеринро дар бар мегирад:

- ба чаласахо тайер шудан ва аз аъзои ташкилот/шабака/чомеаи худ оид ба масъалахое, ки дар чаласа барраси карда мешаванд, маълумот чамъ намудан
- мушкилоти (на танхо ташкилот/шабака/чомеаи худ), балки чомеаи васеи шахрвандиро ба назар гирифтан
- маълумоти аз чаласахо ва сабакхои дар чараени кор омухташударо ба чомеаи васеи шахрванди дастрас намудан

Илова бар ин, дар Дастур кайд шудааст, ки нозирон барои кумак расонидан дар таъмини иштироки чомеаи шахрванди дар Форуми солонаи хамкори вазифадор мегарданд.

**<u>Озмуни худинтихобкуни ва фосилаи мухлат</u>**
**Моххои апрел ва маи соли 2009:** RESOLVE чараени озмуни худинтихобкуниро тавассути машварат бо шахсони алокаманд оид ба шартхои мухим барои нозирон ва аъзои Кумитаи машварати (КМ), ки ба RESOLVE дар давоми озмун дастур медихад, огоз намуд. Бо дарназардошти шартхои аз чониби шахсони алокаманди чомеаи шахрванди тахияшуда RESOLVE гурухи хурди аъзои бонуфузи чомеаи шахрвандиро, ки барои ишгол намудани курсии нозири даъво надоранд, муайян намуд ва барои хамрох шудан ба КМ даъват намуд.

**1 – 12 июн:** КМ ба RESOLVE барои такмил додани шартхо барои курсии нозири ва тахияи озмуни худинтихобкуни кумак расонид.

**15 июн – 15 июли соли 2009:** RESOLVE хуччатхоро барои курсии нозирон кабул мекунад. Дар хар сеи (3) кумита, чор (4) курси аз руи минтакахои чугрофии зерин таксим карда мешавад: як (1) курсии намояндаи кишвари тараккиефта; як (1) курси барои китъаи Африка; як (1) курси барои китъаи Осие/ Укенуси Ором; як (1) курси барои Америкаи Лотини. Номзадхо барои курсихои махсуси китъахо хуччатхои худро пешниход мекунанд.

**16 – 17 июли соли 2009:** RESOLVE ва КМ бо истифодаи шартхои аз чониби шахсони алокаманд тартибдодашуда руйхати такрибан панч (5) номзадро барои хар як курси тахия менамоянд.

**20 – 31 июли соли 2009:** RESOLVE руйхати номзадхои интихобшударо эълон мекунад ва дар байни чомеаи васеи шахрванди ба таври васеъ эълон пахн карда, шахсони алокамандро барои овоздихи ба номзад аз минтакаашон даъват менамояд.

**3 – 7 августи соли 2009:** RESOLVE ва КМ барои тартиб додани руйхати нихоии номзадхо барои хар як кумита аввал натичаи овоздихиро ва сипас Шартхои бунёди мувозинатро (дар хуччати «Шартхо барои нозирони чомеаи шахрванди», ки дар сахифаи интернетии RESOLVE чойгир карда шудааст, маълумоти пурра дастрас аст) дида мебароянд. Мисол, агар ягон нафар аз номзадхои барои ягон кумита пешниходшуда зан набошад, RESOLVE ва КМ метавонанд занеро, ки овози бисертар гирифтааст, барои курсии намояндагии минтакааш пешниход кунанд ва номзади чои аввал гирифтаро хамчун алтернативи боки гузоранд.

**Озмуни худинтихобкунии нозирони чомеаи шахрванди**
**барои Кумитахои Бунеди маблаггузории иклим**

RESOLVE ба Шуъбаи маъмурии БМИ руйхати нихоии нозиронро то 7 август мефиристад. Максад хангоми интихоб то хадди имкон риоя кардани бештари шартхо мебошад. Барои маълумоти бештар ва навин оид ба чараени озмуни худинтихобкуни лутфан ба сахифаи интернетии www.resolv.org/cif ташриф оред.

**Шартхо барои нозирон**

Лутфан хуччати "Шартхо барои нозирони чомеаи шахрванди"-ро, ки дар сахифаи интернетии RESOLVE www.resolve.org/cif чойгир карда шудааст, хонда бароед. Шартхо барои номзадхои алохида барои бахо додан ва рейтинги номзадхо барои курсихои нозири истифода бурда мешаванд. RESOLVE ва КМ Шартхои бунеди мувозинатро дар интихоби нихои аз байни довталабони овози бисер гирифта ва тартиб додани руйхати мувозини номзадхо барои хар як кумита истифода мебаранд. RESOLVE шахсони алокаманди чомеаи шахрвандиро даъват мекунад, ки метавонанд то **14 июли соли 2009** шарху эъзохи худро оид ба руйхати шартхои пешниходшуда фиристанд.

**Низои манфиат**

Шахсони алокаманди чомеаи шахрванди ва КМ равшан изхор намуданд, ки маблаггузории зиед аз чониби ва е муносибатхои молиявии бевосита бо Бонки умумичахони бар хилофи акидаи мустакилияти нозирони чомеаи шахрванди мебошад, ки ин шарти асоси хисоб меебад. Ташкилоти RESOLVE дар муддати кутох бо КМ машварат кард ва гурухи мазкур дастурхои махсус оид ба муайян намудани низои манфиат тахия накард. Аз хамин сабаб Ташкилоти RESOLVE аз номзадхо талаб мекунад, ки муносибатхои шартномавии хозира, давомефтаистода е гузашта ва е муносибатхои молиявии бевоситаи худро бо Бонки умумичахони е дигар ташкилотхои байналхалкии молияви ва очонсихои кредитии содироти ошкоро бигуянд. Маълумоти мазкур аз чониби КМ чукур омухта мешавад ва дар чараени овоздихи ба маълумоти аъзои чомеаи шахрванди расонида мешавад. Маълумоти иловагии дигар вобаста ба дастури низои манфиат пеш аз огози чараени овоздихи пешниход карда мешавад.

**Дасттирии харочоти рох**

Мувофики Дастур "Шуъбаи маъмурии БСИ метавонад харочоти рохи намояндагони кишвархои рубатараккиро барои иштирок дар чаласахои Кумитаи Бунеди трасти аз хисоби бучети хеш дар асоси дархост руйпуш кунад."

**Забон**

Бонки умумичахони муайян намуд, ки чаласахои Кумитаи БСИ дар холи хозир бо забони англиси гузаронида мешавад. Барои дар чаласахо самаранок иштирок кардан нозирон бояд забони англисиро фахманд, хонда ва сухан гуфта тавонанд.  Хуччатхо бояд бо забони англиси пур карда шаванд.

**Номзадхои алтернативи**

Илова ба чор (4) нозир дар хар як кумита барои хар як кумита як (1) нафари номзадхои алтернативи интихоб карда мешавад, то он ки хар чори (4) нозирон дар хамаи чаласахо иштирок карда тавонанд. Ташкилоти RESOLVE номзадхои алтернативиро дар машварат бо Кумитаи машварати дар асоси рейтинги Шартхо барои бунеди мувозинат интихоб менамояд.

**Фосилаи мухлати хизмати/махдудияти мухлати хизмати**

**Озмуни худинтихобкунии нозирони чомеаи шахрванди
барои Кумитахои Бунеди маблаггузории иклим**

Нозирон барои ду сол интихоб карда мешаванд. Мухлати хизмати чунон таксим карда мешавад, ки дар як замон танхо нисфи курсихо холи шаванд. Аз хамин сабаб, нисфи нозироне, ки тавассути чараени мазкури аввалини худинтихобкуни интихоб карда мешаванд, танхо як сол адои вазифа мекунанд ва нисфи дигари онхо ду сол хизмат мекунанд (фавкулодда муайян мешавад). Нозирон метавонанд танхо як мухлат фаъолият намоянд.

**Мухлати охирини хуччатсупори**

Лутфан хуччат (анкета)-ро бо забони англиси пур карда, **то рузи чоршанбе, 15 июли соли 2009, нисфи шаби вакти ШМА** тавассути почтаи электронии cifobservers@resolv.org ба Ташкилоти RESOLVE ирсол намоед.

**Маълумот оид ба тамос**

Агар ягон савол дошта бошед, лутфан ба Мелани Хартман тавассути почтаи электронии mhartmann@resolv.org е телефони (+1) 202.965.6204 ва е Марк Люис тавассути почтаи электронии mlewis@resolv.org е телефони (+1) 202.965.6211 мурочиат кунед.